# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайалӣ дар мавзуи “Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ)

Библиографияшиносии тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гашта, имрӯз муассисаҳои марбут ба библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ фаъолияти босамар доранд. Аммо барои омӯзиши амиқи библиографияи замони нав бояд таърихи рушди библиографияи тоҷик ҳамаҷониба таҳқиқ шавад. Библиографияшиносони тоҷик қабл аз замони истиқлол, хусусан, солҳои 1960-1990 осори олимону адибони он замонро пажуҳиши библиографӣ намудаанд, ки натиҷаи заҳмати онҳо имрӯз барои муҳаққиқон иттилооти арзишмандеро фароҳам овардааст, ки бо гузашти солҳо қиммати илмии онҳо меафзояд.

Таҳқиқоти “Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот” дастоварди назарраси докторант Нодирзода Сайзароб Сайалӣ маҳсуб ба шумор меравад, зеро то ба ҳол вазъи библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990) мавриди пажуҳиши мукаммал қарор нагирифта буд. Аз мутолиаи автореферати дисертатсия дарёфтем, ки агарчи дар матни он масъалаҳои библиографияи солҳои 1960-1990 баррасӣ шудааст, аммо таҳлил нишон дод, ки муҳаққиқ аҳаммият ва зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи библиографияи тоҷикро ба хотири рушди илм барои ҳамаи давраҳои таърихи миллат таъкид кардааст.

Тибқи нишондоди автореферат, диссертатсия аз муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объекти он, мавзуи (предмет) таҳқиқот ва фарзияи он,  марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, сарчашмаи маълумот, заминаҳои эмпирикӣ ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия иборат мебошад. Диссертатсия дар ҳаҷми 202 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, қисми муҳтавои асосии диссертатсия аз ду боб, чаҳор фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи манбаъҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (346 номгӯй) ва замимаҳо (9 ҷадвал) иборат аст.

Боби якуми диссертатсия «Пайдоиш, таҳаввул ва рушди назария ва амалияи библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990» унвон дошта, иборат аз ду фасл аст. Муҳаққиқ дар такя ба сарчашмаҳои библиографӣ заминаҳои пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули назарияи библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990-ро баррасӣ намуда, раванди ташаккул ва марҳилаҳои инкишофи библиографияи давлатӣ ва фаъолияти Палатаи китобҳои Тоҷикистонро ҳамчун маркази библиографияи давлатӣ таҳқиқу таҳлил кардааст. Муаллиф дар асоси афкору андешаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ки дар шакли чопӣ (китобу рисолаҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ) дастрас мебошанд, инчунин, дар заминаи таҳқиқи дастовардҳои илмию назарии олимони тоҷик рушди библиографияшиносии тоҷикро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Маҷмуан дар боби мазкур муҳаққиқ ба ҳадафи илмии худ расидааст.

Боби дуюм «Равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии тоҷик дар солҳои 1960 1990» ном дошта, он низ аз ду фасл иборат аст. Дар ин боб давраҳои рушди ду навъи нисбатан инкишофёфтаи библиографияи тоҷик: библиографияи илмӣ-ёрирасон ва библиографияи тавсиявии тоҷик дар солҳои 1960-1990 мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Диссертант маводи библиографии ин давраро мавриди пажуҳиш қарор дода, аз муассисаҳое, ки тӯли ин солҳо дар рушди библиографияи тоҷик саҳм гузоштаанд, ёдовар шуда, саҳми онҳоро дар рушди библиографияи илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии тоҷик муайян кардааст. Муҳаққиқ бо истифода аз манбаъҳои гуногун ин бобро низ муваффақона ҷамъбаст намудааст.

Хулосаи таҳқиқот дар 8 банд ва зербандҳо хуб ҷамъбаст гардидааст. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ низ ба таври шоиста пешниҳод гардидаанд.

Воқеан, ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар автореферат бобҳову фаслҳоро ба гунае хулоса намояд, ки сарфи назар аз муҷазӣ ҳадафу вазифаҳои таҳқиқро пурра инъикос ёбанд. Ба боварии комил метавон гуфт, ки фишурда фарогири муҳтавои диссертатсия буда, ба меъёрҳои таҳияи авторефератҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) ҷавобгӯ мебошад.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти Нодирзода С. С. бар асоси сарчашмаҳои илмӣ, дастуру китобномаҳо, дастурҳои библиографӣ сурат гирифтааст. Яке аз бартарӣ ва аҳаммияти баланди илмӣ доштани ин таҳқиқот дар асоси сарчашмаҳои арзишманд таълиф гардидани он мебошад. Аз ҷониби дигар, баррасии худи мавзуи библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990 аз навгониҳои он ба шумор рафта, барои таърихи библиографияи тоҷик маводи фаровони илмиро фароҳам овардааст.

Дар баробари дастовардҳо дар фишурда камбудиҳои ҷузъие низ ба назар мерасад, ки дар оянда ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст. Аз ҷумла:

1.Дар автореферат баъзан такрори андеша ба назар мерасад.

2.Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ 16, 20) низ дар матни автореферат мушоҳида мешавад.

Эродҳои мазкур арзиши илмии автореферaтро коста накарда, балки ислоҳи онҳо арзиши таҳқиқотро баланд мебардоранд. Дар маҷмуъ, аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки кор аз ҷиҳати мазмун ва ҳаҷм таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи корҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ аст. Боварӣ дорем, ки муаллиф дар оянда низ доир ба паҳлуҳои гуногуни библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990 корҳои назаррасеро ба анҷом мерасонад.

Хулоса, таҳқиқоти Нодирзода Сайзароб Сайалӣ дар мавзуи "Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот" ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) арзанда аст.

**Муқарриз,** Мудири кафедраи таърихи
нав ва навини кишварҳои хориҷии факултети
таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади
илмҳои таърих, дотсент Иззатова Матлуба Қудратовна

Суроға: 734025 ш.Душанбе, н. Шоҳмансур,
хиёбони Рӯдакӣ 17, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (372)217711
E-mail: info@uef.tnu.tj

Имзои Изатова М.Қ. – ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Эмомалӣ
«23» 09 соли 2025.